Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтишӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

**Мубрамияти таҳқиқоти илмӣ.** Мавзуи диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи илми криминалистика бахшида шудааст. Муаллиф мавзуро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намудааст, ки натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ хеле судманд мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон додааст, ки як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ ва амалияи тафтишӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ тавсия шаванд. Ҳамзамон, дар рисола мафҳумҳои нави илмӣ низ пешниҳод гардидаанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи васеи шабакаҳои иҷтимоӣ, шаклҳо ва усулҳои фаъолияти экстремистӣ мураккабтар гардида, ошкор, пешгирӣ ва тафтиши ин гуна ҷиноятҳо аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ донишу малакаҳои муосири криминалистиро талаб менамояд. Ин вазъ зарурати таҳияи асосҳои илмӣ ва методологии такмили усулҳои тафтишро ба миён меорад. Бо вуҷуди он ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи тафтишотӣ масъалаҳои марбут ба мубориза бар зидди экстремизм мавриди танзим қарор доранд. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар соҳаи криминалистика, махсусан дар қисмати усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, камбудиҳои назариявӣ ва амалӣ ҷой доранд. Норасоии тавсияҳои илмӣ оид ба банақшагирии тафтиш,

тактикаи амалҳои тафтишотӣ, истифодаи воситаҳои криминалистӣ, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти тафтишотӣ бо фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва судӣ-экспертӣ самаранокии ошкор ва исботи чунин ҷиноятҳоро коҳиш медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хатарҳои экстремизм ва терроризм дар канор намондааст. Дар солҳои охир мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва амният борҳо бо парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ рӯ ба рӯ шудаанд, ки нишондиҳандаи воқеияти ин таҳдид дар муҳити иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Мутобиқи маълумоти оморӣ ва таҳлилҳои ниҳодҳои марбута, шумораи ҷиноятҳое, ки дорои аломатҳои экстремизм мебошанд, дар кишвар тамоюли афзоишро касб намудаанд. Ин ҳолат зарурати баррасии амиқ ва таҳлили ҳамаҷонибаи усулҳои мубориза ва, аз ҳама муҳим, усулҳои тафтишии чунин ҷиноятҳоро пеш мегузорад.

Тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз ҷиҳати амалия ва назария як равандест, ки душвориҳои зиёди ҳуқуқӣ, равонӣ ва сиёсиро дар бар мегирад. Ҷинояткорон аксаран бо истифода аз роҳу усулҳои муосири иртибот, ташкили гурӯҳҳои пӯшида, шеваҳои навини паҳн намудани идеологияҳои ифротӣ ва таълими шахсони алоҳида ба содир кардани ҷиноятҳо мепардозанд. Дар чунин шароит, истифодаи усулҳои амалии тафтишӣ на ҳамеша натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Аз ин рӯ, таҳияи усулҳои муассир, дақиқ ва ба воқеияти замона мутобиқшудаи тафтишӣ, ки хусусияти ин ҷиноятҳоро ба назар мегирад, аз масъалаҳои калидии илми криминалистика ва ҳуқуқи ҷиноятии амалии муосир ба шумор меравад.

Ҳамзамон, доираи васеи муҳтавои идеологии чунин ҷиноятҳо ва печидагии робитаҳои байнигурӯҳӣ дар онҳо, инчунин истифодаи маблағгузории ғайриқонунӣ, усулҳои таблиғотӣ ва шеваҳои ҷалби ҷавонон, тафтишотро бо монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ месозанд. Дар аксари ҳолатҳо, маълумоти бадастомада дорои хусусияти махфӣ буда, ошкорсозии онҳо таҷрибаи махсус, малакаҳои касбӣ ва донишҳои амиқи соҳавиро тақозо менамояд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи 5.5.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043 назди 6D.KOA-043-и назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01 - апрели соли 2022, № 95/Ш.Д. ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад

Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин соли 2006 ба факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро бо дипломи аъло соли 2012 хатм намудааст. Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ ба шумор мерафт. Номбурда бо фармоиши директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуки ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ аз 07 октябри соли 2024 №201 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ қабул гардида, роҳбарии илмӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назаров А.Қ. таъйин карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳукуқи АМИТ аз 29 октябри соли 2024 №10 тасдиқ шудааст. Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз санаи 04.12.2025, №1343 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст. Аз ҷумла, имтиҳон аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои «хуб» аз санаи 24.12.2024, таърихи фалсафаи илм бо баҳои «аъло» аз санаи 13.06.2025 ва имтиҳон аз ихтисоси «Криминалистика, фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» бо баҳои «аъло» аз санаи 12.11.2025 супоридаст.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқот** дар 7 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ баён

шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳони муосир, ки дар он равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ бо суръати баланд тағйир меёбанд, таҳдиди афзояндаи экстремизм ва ифротгароӣ ба яке аз ҷиддитарин хатарҳо барои амнияти миллӣ, суботи ҷомеа ва сулҳу оромӣ табдил ёфтааст. Ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо истифодаи василаҳои гуногуни таъсиррасонӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, шабакаҳои мазҳабӣ ва сиёсӣ, ба равандҳои дохилии кишварҳо таъсири манфӣ мерасонанд.

Бо дарназардошти он ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ пайваста такмил меёбад, зарурати мутобиқсозии амалияи тафтишот бо тағйироти нави қонунгузорӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои кормандони мақомоти тафтишот ва додгоҳ ба миён меояд. Зимнан, норасоии таҳқиқоти васеи илмӣ дар ин самт, мавҷуд набудани дастурамалҳои методӣ ва таҷрибаи нокифояи мақомоти тафтишотӣ, масъалаи мазкурро боз ҳам муҳиму мубрам мегардонад.

Аз ин лиҳоз, диссертатсияи номзадӣ таҳти унвони «Усулҳои тафтишии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», ки онро Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин таҳия намудааст, ҷавобгӯи ниёзҳои илмӣ ва амалии рӯз буда, дар асоси таҳқиқи амиқи назариявӣ ва таҷрибавӣ метавонад ба баланд бардоштани сифати тафтиши пешакӣ, самаранокии мубориза бо ифротгароӣ ва таҳкими асосҳои ҳуқуқии мубориза бо таҳдидҳои муосир мусоидат намояд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии он нишон дода шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Тавсифи умумӣ ва криминалистикии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» ба масъалаҳои асосҳои назариявии

тавсифи криминалистикии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, таҳқиқи криминалистикии субъекти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва низоми тарзҳои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ тавачуҳ зоҳир карда шудааст.

Ба ақидаи муаллифи рисола тавсифи умумии криминалистикии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз як қатор унсурҳои асосӣ иборат аст. Аввалан, ба он мақсадҳо ва ангезаҳои маъмулии содир кардани чунин ҷиноятҳо дохил мешаванд. Дуюм, тарзҳои содир намудани ҷиноятҳо, ки хоси фаъолияти экстремистӣ мебошанд, дар назар гирифта мешаванд. Сеюм воситаҳои истифодашуда ҳамчун унсурҳои муҳими ин тавсиф баромад мекунанд. Чаҳорум, хусусиятҳои осор ва пайҳои боқимондаи ҷиноят аҳамияти ҷиддӣ доранд. Панҷум, хусусиятҳои криминалистикии шахсони ҷинояткор ва ҳамчунин гурӯҳҳо ё иттиҳодияҳои ҷиноятӣ дар ин низом ҷойгоҳи хос мегиранд. Шашум, омилҳои марбут ба вакт ва фазо, инчунин дигар унсурҳои вазъияти ҷиноят мавриди таҳлил қарор мегиранд. Ҳафтум, хусусиятҳои криминалистикии объекти таҷовуз муайян карда мешаванд. Ҳаштум, ба ин низом инчунин хусусиятҳои қурбониёни кирдорҳои экстремистӣ дохил мешаванд, аз ҷумла талабот ва шароитҳое, ки ҷинояткорон (субъектҳои фаъолияти экстремистӣ ё террористӣ) пеш мегузоранд. Ҳамаи ин унсурҳо, дар маҷмӯъ ва дар робитаи байниҳамдигарӣ, механизми фаъолияти ҷиноятиро дар кирдорҳои экстремистӣ инъикос менамоянд.

**Дар боби дуюми рисола** «Тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» масалаҳои Тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва кофтуков, тактикаи ба амалбарории пурсиш ва рӯбарӯкунӣ дар мавриди тафтиши ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ бараси карда шудаанд.

Андешаи муаллиф дар бораи тафсири мафҳуми «ҷои ҳодиса» ба ҷанбаи муҳиме дахолат мекунад, ки воқеан метавонад дар амалия мушкилӣ эҷод кунад, алахусус, дар ҳолатҳое, ки робитаи байни ҷои ҳодиса ва ҷиноят номуайян аст. Мушкилоти тафсири ҷои ҳодиса метавонад бо дараҷаи

эҳтимолияти алоқамандии ҷои азназаргузаронӣ бо худи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ вобаста бошад. Ин метавонад ҳам робитаи воқеӣ ва ҳам тахминӣ бошад, ки дар навбати худ ба дурустии гузаронидани амалҳои тафтишӣ таъсир мерасонад.

**Дар боби сеюми рисола** «хусусиятҳои ташкилии тафтишии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» проблемаҳои ташкили ҳамкории муфаттиш бо воҳидҳои оперативӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва хусусиятҳо хоси истифодаи донишҳои махсус ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ба ақидаи муаллиф вазифаҳои асосии ҳамкории воҳидҳои тафтишӣ ва оперативӣ дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ чунинанд: сари вақт муайян кардани нишонаҳои ҷиноятҳои содиршудаи дорои хусусияти экстремистӣ, ошкор кардани онҳо, инчунин гузаронидани тафтиши ҳамаҷониба ва объективии парванда; ҷустуҷӯ ва муайян кардани ҷинояткорони пинҳоншуда, ошкор кардани тамоми паҳлӯҳои фаъолияти ҷиноятии шахсоне, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ содир кардаанд, инчунин робитаҳои онҳо; муайян кардани шахсони гунаҳгор дар ҳаҷми пурраи кирдори содиршуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кшидани онҳо ва муайян намудани андоза ва хусусияти зарари расонидашуда; муаян намудани гуноҳи ҳар як айбдоршаванда дар содир кардани ҷинояти мушаххас.

Мавзуи диссертатсия ва мундариҷаи он дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошанд. Хулосаҳои илмию тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили қабуланд. Адабиёти дар диссертатсия истифодашуда дуруст мебошанд. Муаллиф аз натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назарӣ бароварда, барои амалӣ кардани онҳо тавсияҳои муфид манзур намудааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо илми

криминалистикаи мавҷуда ва мувофиқатии методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илм ифода меёбад.

Бояд иброз намуд, ки вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда довталаб дар чандин чорабиниҳои илмию амалии сатҳи гуногун баромад намуда, ҷиҳати такмили донишҳои назариявӣ ва баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти амният дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот маълумот дода, хулосаҳои ҳуқуқии зарурӣ ва мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта аз рӯйи таҷрибаи тафтишотӣ, истифодаи воситаҳои муосири криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ пешниҳод намудааст.

Рисолаи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтишӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар масъалаҳои асосии криминалистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат менамояд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда мешаванд.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳаққиқ қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва нуқтаҳои назари илмӣ, асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад.

Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтишӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** Назаров А.Қ.

**Имзои А.Қ. Назаровро тасдиқ менамоям:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** Шодихонзода Э.Ш.

«05» 01 с. 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон.: (+992) 907967476; 221-62-25; 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10Email: info@tnu.tj